# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ МОРАТОРИЙ БА САНҶИШҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ"

Бо қарори Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 6 феврали соли 2019, № 1272
қабул карда шуд.

Бо қарори Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 марти соли 2019, № 640
ҷонибдорӣ карда шуд.

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2018 "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2018, №2, мод. 64) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати чоруми моддаи 1 калимаи "хоҷагидор" ба калимаҳои "соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ" иваз карда шавад.

2. Дар қисми 1 моддаи 5 калимаҳои "Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омор" ба калимаҳои "Мақомоти омори давлатӣ" иваз карда шаванд.

3. Дар қисми 1 моддаи 6:

- сархати якум хориҷ карда шавад;

- аз сархати дуюм калимаҳои "ба мақоми ваколатдори давлатӣ ё" хориҷ карда шаванд;

- сархати сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"- агар санҷиш ба таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин истеҳсоли моводи доруворӣ алоқаманд бошад;".

4. Дар моддаи 7:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

" 1. Дар давраи татбиқи мораторий ба санҷишҳо амали муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ба истисноИ ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур, боздошта мешавад.";

- ба қисми 2 пас аз калимаи "анҷоми мораторий ба санҷишҳо" аломати вергул илова карда шавад.

5. Аз моддаи 8 калимаҳои "ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ" хориҷ карда шаванд.

6. Моддаи 9(1) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

"Моддаи 9(1). Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" аз 3 июли соли 2012 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012, №7, мод.709; с.2015, №3, мод.214) аз эътибор соқит дониста шавад.".

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, 4 апрели соли 2019, № 1601